**БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН**

# ШАРҲИ УСТУВОРИИ МОЛИЯВИИ НИЗОМИ БОНКИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН* ДАР СЕМОҲАИ СЕЮМИ СОЛИ 2021

*Дар семоҳаи сеюми соли 2021, вобаста ба эътидол омадани вазъи эпидемиологӣ дар кишвар, лағви ковид–маҳдудиятҳо ва вусъат ёфтани равобити марзию тиҷоратӣ бо кишварҳо, барқароршавии рушди иқтисодиёт, зиёдшавии воруди сармоя, афзудани даромади аҳолӣ ва коҳишёбии лаппишҳои қурбӣ мушоҳида гардиданд, ки бевосита ба муътадилии нишондиҳандаҳои устувории молиявӣ замина гузоштанд. Дар робита ба ин, нишондиҳандаҳои муҳими низоми бонкӣ, аз қабили сатҳи пардохтпазирӣ, даромаднокӣ ва кифоятии сармоя нисбат ба ҳамин давраи соли қаблӣ зиёдшавӣ дошта, сифати сандуқи қарзӣ раванди беҳтаршавиро касб намуд.*

**Кифоятии сармоя.** Дар ҷамъбасти семоҳаи сеюми соли 2021 меъёри кифоятии сармоя (МКС) дар низоми бонкӣ (К1-1) аз талаботи муқарраршуда 11,0 банди фоизӣ (б.ф.) зиёд иҷро гардида, ба 23,0 фоиз баробар шуд. Афзоиши нишондиҳандаи мазкур дар ин давра аз ҳисоби зиёд шудани сармояи танзимшаванда (6,2 фоиз) ва кам шудани дороиҳои бо назардошти хавф баркашидашуда (10,1 фоиз) ба вуҷуд омад. Меъёри К1-2 бошад, нисбат ба ҳамин давраи соли 2020 ба андозаи 2,7 б.ф. афзуда, ба 18,9 фоиз баробар гардид.

**1. МКС (К1-1) дар низоми бонкӣ**




**Пардохтпазирӣ.** Меъёри пардохтпазирӣ (К2-1) дар сатҳи низом ба талаботи меъёри мақбул мутобиқ буда, 89,4 фоизро ташкил намуд, ки дар муқоиса ба семоҳаи сеюми соли 2020 ба андозаи 23,0 б.ф. зиёд мебошад.

Сатҳи пардохтпазирии бо асъори хориҷӣ ифодаёфтаи низоми бонкӣ низ дар сатҳи муносиб қарор дошта, нисбат ба ҳамин давраи соли 2020 ба андозаи 42,1 б.ф. афзуд ва ба 106,7 фоиз баробар гардид.

**2. Меъёри пардохтпазирӣ (К2-1)**




**Бонкҳо ва ТАҚХ.*

**Даромаднокӣ.** Дар давраи ҳисоботӣ нишондиҳандаҳои даромаднокии низоми бонкӣ аз рӯи дороиҳо ва сармоя дар сатҳи муътадил нигоҳ дошта шуда, мувофиқан 2,6 фоиз ва 11,2 фоизро ташкил намуданд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2020 мутаносибан ба андозаи 0,5 б.ф. ва 3,2 б.ф. зиёд мебошанд.

**Сифати сандуқи қарзӣ.** Дар интиҳои семоҳаи сеюми соли 2021 сифати сандуқи қарзӣ, бинобар мукаммал гардидани сохтори низоми бонкӣ вобаста ба барҳам хӯрдани бонкҳои мушкилотдор ва коҳиш ёфтани ҳаҷми қарзҳои ғайрифаъол дар аксари ташкилотҳои қарзии молиявӣ, беҳтар гардида, ҳиссаи қарзҳои ғайрифаъол (зиёда аз 30 рӯз батаъхирафтода) дар сандуқи қарзӣ ба 14,9 фоиз баробар гардид, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 13,6 б.ф. кам мебошад.

**Хавфи асъорӣ.** Дар интиҳои семоҳаи сеюми соли 2021 мавқеи умумии кушодаи асъорӣ дар низоми бонкӣ дароз ҷамъбаст гардида, андозаи он 2,0 фоизро ташкил намуд, ки ба меъёри муқарраршуда (К6-1) мувофиқ мебошад.

Дар давраи ҳисоботӣ ҳиссаи асъории қарзҳо ва пасандозҳои низоми бонкӣ тамоюли коҳишёбии худро идома дода, мувофиқан ба 33,7 фоиз ва 46,1 фоиз баробар гардиданд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2020 мутаносибан ба андозаи 15,0 б.ф. ва 0,9 б.ф. кам буда, аз тадриҷан паст шудани сатҳи долларикунонии иқтисодиёт гувоҳӣ медиҳанд.

**3. Даромаднокии дороиҳо ва сармоя**




**4. Сифати сандуқи қарзӣ**




**5. Нишондиҳандаҳои хавфи асъорӣ**




*Манбаъ: ҳисобҳои БМТ.*